Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд 102)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, Шарипов Баҳром Маҳмудович ба диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи "Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи "Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз мутобиқат мекунад: 8.3. Пул дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ. Шаклҳои пул ва пулҳои қалбакӣ. Пулҳои электронӣ: вижагиҳо, идоракунӣ ва дурнамои рушди онҳо; 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ; 8.5. Равишҳои андозагирии массаи пул: проблемаҳои

истифода ва муносибгардонӣ; 8.8. Ташкили системаи самараноки пардохтӣ ва афзори ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ.

## Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди инфрасохтори молиявиро ҳамчун самти муҳими инкишофи бахши молиявӣ-бонкии кишвар муайян намуда, ба рушди низоми пардохти миллӣ, алалхусус зиед намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», ки 22 июни соли 2023 ба имзо расид, низ шаҳодат медиҳад, чунки рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз ҳисоби истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо (хариди молу хизматрасониҳо) ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин, ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо ва ба рушти устувори иқтисодиети миллӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи низоми бонкӣ ва вазорату идораҳои дахлдор ба ҳисоб меравад. Гуфтан ҷоиз аст, ки бо мақсади рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва истифодаи фаъоли воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ҳанӯз моҳи ноябри соли 2018 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ба тасвиб расида буд. Лекин дар шароити муосир дар ҷараени рушди низоми пардохтӣ, алалхусус

истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ, монеъаҳо вуҷуд доранд, ки нишони он ҳисссаи пасти истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ (то 15%) дар муомилоти пулӣ мебошад, ҳолон ки дар давлатҳои тараққӣ карда онҳо дар ҳудуди 3-5% қарор доранд. Яъне, иқтисодиети миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани рақобатпазирии ҳам субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам иқтисодиети миллӣ, ҳоло имкониятҳои истифода нашудаи зиедеро дорад.

Барои ин таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди низоми пардохтӣ, алалхусус истифодаи бештари пардохтҳои ғайринақдӣ, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини рушди илми иқтисодӣ, воситаи муосири таъмини устуворӣ ва рақобатпазирии иқтисодиети миллӣ ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи мазкур ҳамчун таҳқиқоти бунедӣ ба шумор рафта, ба масъалаҳои таквият ва рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович бешубҳа ба мавврид мебошад.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст

**Нововарии илмии тадқиқот** дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-методии рушди низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукамалгардони фаъолияти низоми хисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шароити рақамикунони иқтисодиёти миллӣ акс ефтаанд.

Натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқот, ки унсурҳои навовариҳои илмиро инъикос мекунанд, чунин мебошанд:

- моҳияти иқтисодии низоми пардохтӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими инфрасохтори молиявӣ-бонкии кишвар ва иқтисодиети миллӣ

таҳқиқ карда шудааст;

- принсипҳо ва шартҳои асосии ташаккул ва танзими самаранок ва бехатар амалкарди низоми пардохтии миллӣ бо таваҷҷуҳ ба афзалияти беҳтар намудани функсияи он дар раванди муомилоти захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, иштироки самараноки субъектҳои низоми миллии пардохтӣ ва фаъолияти устувори онҳо, риояи меъёрҳои қонунгузории кишвар, ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори бозори молиявӣ ва иқтисоди миллӣ таҳқиқ шудаанд;

- самтҳои афзалиятноки ҷорӣ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, истифодаи он барои васеъ намудани хизматрасониҳои пардохтӣ, рақамикунонии онҳо, таҳия ва татбиқи низоми пардохти фаврӣ, ташаккули пардохтҳои рақобатпазир, беҳтар намудани амнияти пардохтҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ дар рушди инфрасохтори низоми пардохтӣ бо назардошти ҳамкориҳои муоссир бо шариконии хориҷӣ пешниҳод шудаанд;

- дар асоси таҳлили фаъолияти низоми миллии пардохтии Тоҷикистон муаммоҳо ошкор карда шуданд, ки аз рушди нобаробарии хизматрасониҳои пардохтҳои ғайринақдӣ, истифодаи маҳдуди дастрасии фосилавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ, сатҳи пасти истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ шаҳодат медиҳанд;

- маҷмуи омилҳое, ки ба фаъолияти низоми пардохтии миллӣ таъсир мерасонанд, аз ҷумла шумораи нокифояи субъектҳои хизматрасониҳои пардохтӣ дар ҷумҳурӣ; суръати баланди афзоиши гардиши пули нақд нисбат ба пули ғайринақдӣ; сатҳи таваррум, кам шудани интиқоли пулии муҳоҷирон, нархи баланди хидматрасонии интернетӣ, сатҳи пасти амнияти иттилоотӣ, сатҳи пасти индексҳои ҳукумати электронӣ ва тиҷорати электронӣ, кам шудани шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва

таҷҳизотҳо барои хизматрасониҳои пардохтӣ, инчунин коҳиши ҳаҷми пардохтҳо дар фаъолияти ғайрирезидентҳо ва ғайра муайян карда шуданд;

- самтҳои такмили идоракунии низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти такмили заминаҳои институтсионалӣ, рушди инфрасохтор дар асоси васеътар ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба системаҳои муосири пардохтҳо бо назардошти рушди интернет-банкинг муайян гардиданд;

- алгоритми такмили фаъолияти низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва навсозии низоми пардохти миллӣ коркард шуда, ҷанбаҳои ташкилӣ, инфрасохторӣ, коммуникатсионӣ, инноватсионӣ ва иттилоотии мукаммалгардондании механизми идоракунии ҷараёни муносибатҳои молиявию иктисодии кишвар муайян шудаанд. Инчунин модели дурнамои рушди низоми пардохти то давраи 2030 пешниҳод шудааст.

## Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Унвонҷӯ дар диссертатсия барои рушди ҷанбаҳои назариявӣ–методии фаъолияти босамари низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукамалгардонӣ ва афзуннамудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринакдӣ ҳамчун асоси рақамикунони иқтисодиёти Тоҷикистон саҳми босазо гузоштааст. Таҳқиқоти ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ имкон доданд, ки унвоҷуй тадбирҳои илман асосноки амалиро оид ба такмил ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ коркард ва пешниҳод кунад.

Унвонҷӯ дар ҷараени таҳлили ҳолати воқеии фаъолияти низоми пардохти миллӣ оид ба муайян кардани омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва рушди он, баҳодиҳии объективии идоракунии низоми пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ маълумотҳои тавсифкунанда пешкаш намуда, дар ин замина барои муайян намудани самтҳои такомули идоракунии низоми пардохти миллӣ, такмили асосҳои институтсионалии он, коркард ва пешниҳоди дурнамои рушди низоми пардохти миллӣ, алалхусус, афзун намудани ҳиссаи хисоббаробаркуниҳои ғайринади то давраи 2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми худро гузоштааст. Инчунин иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасад.

## Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, он дорои 40 ҷадвал, 7 расм ва 3 диаграмма мебошад. Матни асосии диссертатсия 203 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Мундариҷаи кори диссертатсионӣ** ба мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи таҳқиқоти илмӣ муайян кардааст, мувофиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркарднамудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ дақиқ мебошанд, зеро онҳо ба асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии фаъолияти низоми пардохтӣ дар иқтисодиёти миллӣ такя менамоянд.

**Дар муқаддима** муҳимияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи он муайян гардида, тавсифи асосии назариявӣ-методологии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб оид ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, нашрияҳо дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола дарҷ

гардидааст.

**Дар боби якум – "Консепсияҳои низоми пардохт дар илми иқтисодиёти муосир"**, асосҳои назариявии ташаккули низоми пардохт ва ҷанбаҳои методии идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ, инчунин таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми пардохт мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд ( с.17-75).

Муаллифи рисола ба асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи молия, гардиши пул ва қарз такя намуда, масъалаҳои назариявӣ-методологӣ, методии ташаккул ва рушди низоми пардохтиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст (с.17-35).

Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми пардохти миллӣ ба истифодаи консепсияҳои гуногуни олимони ҳориҷӣ ва ватанӣ асос ефтааст, инчунин консепсияи марксистӣ, монетаристон, кейнсчиен, ки вобастагии ҳаҷми пулҳои дар иқтисодиёт мавҷударо аз миқдори молу хизматҳо ва нархи онҳо, ноил шудан ба мувозинатӣ дар талаботу пешниҳоди пул тавассути танзими давлатии гардиши пул, танзими унсурҳои пулӣ бо истифодаи низоми пардохтӣ ва ғайра дида баромадаанд, ташкил медиҳанд. (с. 17-33).

Унвонҷӯй муайян кардааст, ки низоми миллии пардохтӣ яке аз ҷузъҳои муҳими инфрасохтори молиявӣ-бонкии кишвар буда, барои сари вақт ва бехатар анҷом додани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо назардошти васеъ ҷорӣ намудани технологияи информатсионӣ-инноватсионӣ дар базаи механизми самараноки идоракунии ин раванд, истифода мешавад (с.33).

Дар диссертатсия дуруст таъкид мешавад, ки низоми пардохти миллӣ аз унсурсҳо ва принсипҳои ташаккул, аз маҷмуи ташкилотҳои муайян иборат буда, бо мақсади саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар дохил ва хориҷи кишвар амал намуда, яке аз омили муҳими таъсиррасон ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, истифодаи

имконияtҳои он самараи мултипликативӣ медиҳад (с.35- 45).

Унвонҷуй дуруст қайд кардааст, ки дар ташаккул ва рушди низоми пардохтӣ, таъмини самаранокии он мақоми Бонки миллии Тоҷикистон назаррас буда, ӯ фаъолияти субъектҳои низоми пардохтро тавассути сарчашмаҳои меъёрӣ ва фишангҳои худ танзим менамояд. ( с.40 -51).

Дар диссертатсия аз тарафи унвонҷуй марҳилаҳои ташаккул ва рушди низоми пардохт дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ гузаронида шуда, он ба хафт давра, аз эҳёи он (аз асри VII то мелодӣ) то таъмини пардохтҳо тавассути инфрасохтори зеҳнии сунъӣ тақсим карда шудааст, ки онро барои арзъебии ҳолати кунунӣ, муайян кардани тамоюлҳо ва коркарди барномаҳои рушти низоми пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардан зарур аст ( с. 52-60).

Аз тарафи муаллиф афзалиятҳо ва хусусиятҳои истифодаи низомҳои гуногуни пардохтӣ (СВИФТ, NSS, , Fedwire, CHIPS, Visa ва ё MasterCard, China Union Pay, Золотая Корона ва ғайра), ки аз таҷрибаи истифодаи онҳо дар ИМА, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Руссия бармеоянд, ҷузвҳои мақбули онҳо барои татбиқ дар ҷараени ташаккул ва рушди низоми пардохтии миллии Тоҷикистон пешкаш шудаанд, ки яке аз чузвҳои муҳими диссертатсия мебошад. (с.61-74).

**Дар боби дуюм – “Таҳлил ва арзёбии ташаккули низоми пардохтии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** таҳлили ҳолати муосири ташаккулёбии низоми пардохти миллӣ дар кишвар, омилҳои таъсиррасон ба рушди он таҳқиқ карда, баҳодиҳии идоракунии низоми пардохтӣ дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ пешкашниҳод гардидааст (с.76-126).

Муаллиф дар асоси таҳлил дуруст қайд менамояд, ки низоми пардохтӣ дар Тоҷикистон тайи 32 соли соҳибистиқлолии кишвар, давра ба давра, баробари инкишофи низоми бонкӣ ва иқтисодиети миллӣ, ташаккул ва рушд ёфтааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 номгӯи

операторҳои низоми пардохтӣ фаъолият намуда, онҳо ҳисоббаробаркунӣ ва хизматрасониҳои пардохтҳои ғайринақдиро байни субъектҳои иқтисодӣ амалӣ мекунанд. Бо истифода аз омори расмӣ ва усулҳои илман асоснок муайян шудааст, ки дар солҳои 2018-2022 миқдори умумии пардохтҳо дар кишвар 2,2 маротиб афзоиш ёфта, дар он ҳиссаи бонкҳо назаррас аст (98,4%). Тамоюли афзуншавии ҳаҷм ( 1.7 мар.) ва ҳиссаи пардохтхои ғайринақдӣ ( 0,4 б.ф.) дида мешавад. Шумораи умумии суратҳисобҳои бонкӣ дар кишвар 2,4 маротиба, аз 3 517,3 ҳазор адад дар соли 2018 то 8 444,5 ҳазор адад дар соли 2022 афзоиш ефта, шумораи суратҳосибҳои шахсони воқеӣ ба 2,42 маротиба, афзоиши суратҳособҳои шахсони ҳуқуқӣ ҳамагӣ 142,6 % таъмин гардид.

Муаллиф рушди босуръати низоми пардохтиро бо ҷорӣ намудани навовариҳои техникӣ дар низоми бонкӣ, телекоммуникатсия ва алоқа, ки барои дастрасии фосилавии хизматрасонии бонкӣ, инчунин тавассути истифодаи кортҳои пардохтӣ тариқи интернет ва телефони мобилӣ дуруст шарх додааст. Дар давраи 2018-2022 дастрасии фосилавии хизматрасонии бонкӣ тавассути кортҳои пардохтӣ тариқи интернет - 8,7 маротиба ( аз 94,4 то 918,8 ҳазор адад) ва телефони мобилӣ -21,0 маротиба ( аз 78,4 то 1648,2 ҳазор адад) афзуда, миқдори умумии кортҳои пардохтӣ аз 1 694,2 ҳазор адад дар соли 2017 то ба 5060,7 ҳазор адад дар соли 2022 расидааст, ки 2,9 маротиба зиёд гардид. Ҳоло дар кишвар низомҳои пардохтии миллӣ, инчунин "Корти миллӣ", "Осон", "Атласпэй", "Express Pay" ва "Пардохти фаврӣ" тамоюли афзоишро доранд. Рушди низоми пардохтии миллӣ барои амалӣ гардидани рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ заминаи моддӣ мегузорад. Лекин, ҳолати муосири фаъолияти низоми пардохтӣ ва хизматрасониҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва рақобатпазирии он ҷавобгӯ намебошад, бо назардошти он, ки ҳиссаи

бештарро хизматрасониҳои пардохтии нақдӣ ташкил дода (зиёда аз 75 %), ҳиссаи хизматрасонии ғайринақдӣ ҳамагӣ 25%-ро ташкил медиҳанд (с.76-97).

Маҷмуи омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди низоми пардохти миллӣ таҳқиқ гардидаанд, аз ҷумла таъминнокии институтсионалии хизматрасониҳои пардохтӣ, таъминоти иқтисодиет бо пул, механизми тағйиребии эмиссияи пулӣ, хариду фуруши асъори хориҷӣ, динамикаи меъёри бозтамвил, сатҳи таваррум, тағйиребии ҳолати тавозуни пардохтӣ ва бақияи он, тағйирёбии ҳаҷми интиқоли пулӣ ба кишвар аз хориҷа, гаронии андоз ( с. 99-111).

Муаллиф баҳодиҳии идоракунии низоми пардохтро дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ бо истифодаи усули муқоисавӣ ва таҳлили омори мамлакатҳои Осиёи Марказӣ оид ба истифодаи интернет, раддабандии байналмилалии Global Cybersecurity index (Индекси амнияти иттилоотӣ), Индекси рушди ҳукумати электронӣ, истифодаи таҷҳизотҳои пардохтӣ гузаронида аст (с. 111- 123).

Ин имконият дод, ки муаллиф илман асоснок ҳолати идоракунии низоми пардохтро арзъеби намуда, дар марҳилаи миёна ва дарозмуддат коркард ва татбиқ намудани татбирҳои иловагиро ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва инфрасохтори молиявӣ пешниҳод намояд.

**Дар боби сеюм – "Стратегияи таъмини ташаккули низоми пардохтии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** самтҳои асосии такомули идоракунии низоми пардохти миллӣ асоснок гардида, такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ шуда, дурнамои рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст (с. 127-176).

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки барои такомули низоми пардохти миллӣ бояд такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, пешниҳоди миқдори зиёди воситаҳои самарабахшу боэътимоди пардохтӣ, истифодаи васеи пулҳои электронӣ, интернет ва пардохтҳои мобилӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ ва инфрасохтори он, пайвастани НПМ ба низоми пардохти миллии дигар давлатҳо ва низомҳои пардохти байналмилалӣ, истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, баланд бардоштани маърифати молиявӣ роҳандозӣ гардад (с. 127- 160).

Яке аз дастовардҳои диссертатсия ин коркарди модели муаллифӣ ва дар асоси он муайян намудани дурнамои рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030 мебошад. Бо истифодаи модел дақиқ шудааст, ки дар давраи солҳои 2022-2030 ҳаҷми умумии пулҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1,9 маротиба афзоиш карда, ҳаҷми пулҳои ғайринақдӣ 2,2 маротиба афзоиш мекунанд. Яъне, ҳиссаи истифодаи пулҳои ғайринақдӣ 70% -и муомилоти умумии пулиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад (с.161-173).

**Дар қисмати хулосавӣ** натиҷаҳои назариявӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқот, иҷроиши мақсад ва вазифаҳои онро ифода мекунанд, ҷамъбаст карда шудааст.

Дар интиҳои диссертатсия феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 162 номгӯй оварда шудааст.

## Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи молия, рушди низоми бонкӣ ва низоми пардохтӣ, инчунин

ташаккул ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, асос ёфтанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо назардошти истифодаи усулҳои илмӣ дар таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф тасдиқ мегардад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот** дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили низоми пардохти миллӣ дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир гардида, онҳо дар раванди таҳқиқи ояндаи танзими низоми пардохти миллӣ ва унсурҳои таркибии он аз ҷиҳати назариявию методӣ, такмили он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди роҳҳои рушди низоми пардохтӣ ва афзудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегарданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо дар раванди фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, мақомотҳои қонунбарор ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати пулию қарзӣ ба мақсади боз ҳам такмил додани механизми институтсионалӣ ва амалии низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардан мумкин. Пешниҳодҳои мушаххаси таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ дар самти рушди низоми пардохтии миллӣ ва гузариш ба иқтисодиети рақамӣ истифода кардан □оиз аст.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон (маълумотномаи № 12 аз 13.01.2023), ҷараёни таълим ҳангоми

омӯзиши фанҳои “Ташкили фаъолияти Бонки миллӣ”, “Ташкили фаъолияти бонки тиҷоратӣ”, “Фаъолияти бонки амонатӣ”, “Фаъолияти бонкӣ”, “Танзим ва назорати асъор” ва “Менеҷменти бонкӣ” дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 61 аз 16.01.2023) истифода шудаанд.

**Аҳамияти иқтисодӣ таҳқиқот аз он иборат мебошад**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди низоми пардохти миллӣ ва ноил гардидан ба самаранокии баланд аз истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар фаъолияти субъектони иқтисодӣ барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва афзудани рақобатпазирии он таъсири бевоситаи мусбӣ расонад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки рушди низоми пардохтӣ ва афзудани ҳиссаи истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар он имконият медиҳад, ки фаъолияти на фақат субъектони иқтисодӣ, балки аҳолӣ, сохторҳои иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ки боиси афзудани шумораи истифодабарии кортҳои пардохтӣ барои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин пардохти нафақа, афзудани пасандозҳо, васеъ шудани базаи даромаднокии аҳолии камбизоат, кам кардани хафҳои молиявӣ дар раванди истифодаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъсири мусбӣ расонад.

## Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот 11 адад корҳои илмиро бо ҳаҷми умумии 5,7 ҷузъи чопӣ дар бар гирифта, аз онҳо 5 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд.

Натиҷаҳои назариявӣ, амалӣ ва методии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, конференсияҳои ҳайати професорону устодони Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлати Тиҷорати Тоҷикистон ироа гаштаанд.

## Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозӣ ва экспертизаи он дар Шӯрои диссертатсионӣ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шуда, барасмиятдарории он ба талабот ҷавобгуй мебошад.

## Эродҳо ва пешниҳодот доир ба диссертатсия:

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари бартариҳои зикршуда, баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар боби 1 саҳми олимони ватанӣ доир ба таҳқиқи ҷараени ташаккул ва рушди низоми пардохтӣ, инчунин ҳисоббаробакуниҳои ғайринақдӣ ба таври пурра баррасӣ нашудаанд;
2. Баъзе аз ҷузвҳои назаррасе, ки аз таҳлили таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ ба даст омаданд, барои истифодабарӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон нишон дода нашудаанд;

3. Унвонҷӯй ба омӯзиши монеъҳое, ки истифодаи воситаҳои пардохтҳои ғайринақдиро ба монанди талаботи пардохтӣ, ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи аккредитив дар доҳили ҷумҳурӣ, истифодаи чекҳо ва пардохтҳои инкассавиро бозмедоранд, диққати зарурӣ надодааст.

4. Унвонҷӯй ба истифодаи системаҳои махсуси байналмилалии пардохтҳои ғайринақдӣ ба монанди SWIFT (Ҷамъияти умумиҷаҳонии байнибонкии молиявӣ) ва СПФС Бонки Русия (Система передачи финансовых сообщений/ Низоми паёмнависии молиявӣ) дар ҳолати вориди таҳримҳо нисбати Русия ва таъсири онҳо ба фаъолияти низоми бонкӣ ва ҳисоббаробакуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти нокифоя додааст.

5. Аз тарафи муаллиф нисбати арзъебии ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиети миллӣ таҳлили қофӣ пешкаш нашудааast.

6. Диссертатсия дорои хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи диссертатсиониро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд намоем, ки диссертатсияи мазкур кори ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб ёфта, навгониҳои илмиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои нашркардаи муаллиф таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро таҷассум мекунанд.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити муосири рушди ҳисоббаробакуниҳои ғайринақдӣ истифода бурда шаванд.

## Хулосаи умумӣ

Дар маҷмуъ бояд қайд намоем, ки диссертатсияи мазкур кори ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб ёфта, навгониҳои илмиро дар худ таҷассум менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта пешниҳодҳои амали илман асоснок буда дар низоми бонкӣ барои тақвияти рушди низоми пардохтӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович ба талаботҳои муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои ноил гаштан ба унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз сазовор дониста шавад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, сарходими илмии Шуъбаи
таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои
байналмилалии иқтисодии Институти
иқтисодиёт ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Шарипов Б.М.

Имзои Шарипов Б.М. ( Шарифзода Б.М.) -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи
кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Курбонов Э.

Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44, эмайл: info@ied.tj, тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65, факс: +992 (37) 221-67-50